**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502) – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи номзадии Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осри Шамсиддин шоҳин», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносӣ - роҳҳои калимасозӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин ихтисос дорад.

Мубрамияти мавзуи мавриди назар, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки баррасии паҳлуҳои гуногшуни калимасозӣ дар забошиносии тоҷик бо вуҷуди ба табъ расидани як қатор корҳои илмии назариявтӣ чи дар дои раи маводи забони адабии ҳозираи тоҷик ва чи дар заминаи маводи адабии классикӣ то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Хусусан осори адибои марҳалаҳои мухталифи рушди таърихи забонамон бештар ба таҳқиқи амиқ ва системанок ниёз дорад. Чунончи, осори Шамсиддин Шоҳин дорои бисёр махсусияту намгониҳое мебошад, ки омӯзиши он барои нишон додани ривоҷу равнақи забони тоҷикӣ дар асри XIX ва муносибати луғавию грамматикии он бо забони адабии ҳозираи тоҷик басо муҳим аст.

Ҳадафи таҳқиқи мавзуъ нишон додани роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин буда, ба ин васила нақши осори адиб дар таҳаввули таркиби луғавии забони тоҷикӣ муайян карда мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 198 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи рисола оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқиот, фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, мавзуи асосҳои методологии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ барои баррасии мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқик, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола мушаххас баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Таҳқиқи тарзи калимасозии морфологӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин» ном дошта, фарогири ду фаслу панҷ зерфасл аст. Дар ин боб масъалаи тарзи калимасозии морфологӣ дар асоси маводи осори Шамсиддин Шоҳин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин замина диссертант барои муайяну мушаххас намудани тарзу истифодаи морфемаҳои калимасоз ба қадимтарин луғату фарҳангномаҳо ва нодиртарин сарчашмаҳои илмиву адабӣ, ки аз ҷониби забоншиносони шинохтаи ватаниву хориҷӣ дар илми забоншиносӣ ба сифати асарҳои заминавӣ шинохта шудаанд, муроҷиат намуда, маълумоти мушаххас додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Калимасозии исм тавассути дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ» унвон дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб масъалаҳои мухталифи калимасозии исм: дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ; нақши роҳи калимасозии конверсиалӣ (транспозитсионӣ ё роҳи морфологию синтаксисии калимасозӣ) дар калимасозии исм; аз тариқи аффиксоидҳо сохта шудани исмҳои нав мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин» номгузорӣ гардида, таркиби он аз шаш фасл иборат аст. Дар ин боб масъалаи навъҳои калимаҳои мураккаб, роҳҳои сохта шудани онҳо ва муносибати байни ҷузъҳои калимаҳои мураккаб мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ муаллиф сараввал нуктаи назари забоншиносонро доир ба ҷойгоҳ, хусусиятҳои калимсозӣ ва усули сохташаваии калимаҳои мураккаб омӯхта, сари масъалаи мазкур андешаҳои худро низ баён кардааст.

Муаллиф вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ 13 мақола, аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда ва 6 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои илмӣ нашр намудааст, ки ба муҳтавои рисола мувофиқат мекунанд.

Рисола кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҷанбаи илмии назариявию амалии комил дорад. Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферат нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани мазмуни автореферати рисола мусоидат мекунанд:

1. Дар шароити кунунӣ баъзе натиҷагириҳои оморӣ дар диаграмма ва гистограммаҳо дар беҳтар гардидани ҳусну қубҳи кор мусоидат менамояд, дар рисола чунин нишондод истифода мешуд, аз манфиат холӣ набуд.

2. Ба манфиати кор буд, агар мубрамии мавзуи таҳқиқ каме васеътар баррасӣ мегардид;

3. Дар автореферат ҷо-ҷо иштибоҳоти забонӣ ва лағжишҳои компютерӣ гузаштааст, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуну муҳтавои автореферат мусоидат хоҳад кард.

Эродҳои мавриди назар, албатта, ҷанбаи назариявӣ дошта, қимати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Рисолаи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳоии калимасозии исм дар осри Шамсиддин Шоҳан» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, мазмуни он дар автореферат пурра инъикос ёфтааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад

Имзои Абдусамадзода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори РККМ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: +(992) 918-13-99-68
E-mail: erojjon-1988@mail.ru

«06» феврали соли 2024